ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ПЕШГИРӢ ВА МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ БЕМОРИИ ВНМО»
734029, шаҳри Душанбе, кучаи Деҳотӣ 48, тел., факс:234-34-42, www.nc-aids.tj

аз «_______» ________ соли 2019, №______ шаҳри Душанбе

Ба Вазорати тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Маълумотнома
оиди иҷроиши "Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020" дар давраи солҳои 2017-2019 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният (ВНМО/БПНМ) дар давоми 40 соли охир ба яке аз мушкилоти асосии аҳли сайёра табдил ёфтааст ва Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳалли ин мушкилот бетараф нест.

Аз аввали бақайдгирии ВНМО то соли 2018, зиёда аз 76 миллион нафар дар ҷаҳон ба ин сироят гирифтор шудаанд, ки аз онҳо то охири соли 2018 зиёда аз 32 миллион нафарашон фавтидаанд. Аз рӯи нишондодҳои омори расмӣ дар дунё дар охири соли 2018 ҳамагӣ 37,9 миллион шахсони бо ВНМО зиндагикунанда буда, аз онҳо 1,7 миллион шахсони сироятшуда танҳо дар соли 2018 дарёфт карда шудаанд. Мутобиқи таҳлилҳои ҷаҳонӣ танҳо 79% шахсони сироятшуда оиди бемории худ огоҳ мебошанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти хеш оиди пешгирӣ ва мубориза бо ин сироят, ҳамаи ҳуҷҷатҳои муҳими Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳидро, ки ба пурзӯр намудани фаъолиятҳо бахри барҳам додани эпидемияи ВНМО то соли 2030 дар ҷаҳон равона гардидаанд ва яке аз бахшҳои муҳим дар чаҳорчубаи расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор мебошанд, ҳамаҷониба эътироф намуда, дастгирӣ менамояд. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳадафу вазифаҳои ин ҳуҷҷатҳои муҳим бо ҳолати кунунии ҷумҳурӣ ҳамоҳанг гардида, бевосита дар "Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 феврали соли 2017 таҳти №89 қабул шуд, дарҷ гардиданд. Дар ин замина, тибқи қарори дар боло зикргардида Нақшаи амалӣ намудани барнома аз ҷониби Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нақшаи арзёбӣ ва баҳодиҳии барномаи мазкур мувофиқи қарори Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам, сил ва вараҷа аз 30 августи соли 2017, таҳти №40 тасдиқ гардиданд. Барномаи мазкур ва нақшаи татбиқи он дар ҳаҷми 500 адад нашр ва ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дастрас карда шуд.

Барномаи мазкур аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки фаъоли намояндагони дигар вазорату идораҳои дахлдор, инчунин агентиҳои СММ, ташкилотҳои байналмилалию ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳои шахсони бо ВНМО зиндагикунанда, сохтори хусусӣ таҳия гардида, амалисозии он дар ҳамкории зич бо тамоми муассисаҳои болозикр ба роҳ монда шудааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии молиявии худро нисбати амалисозии барномаи номбурда, аз ҳисоби маблағҳои пешбинигардидаи буҷети давлатӣ ба сохтори тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ташкилотҳои буҷавӣ сол аз сол зиёд намуда истодааст. Маблағгузорӣ аз 15 428 820 сомони дар соли 2017 то 21 647 983 сомони дар соли 2019 расида, зиёдшавии он дар ин давра ба 28,7 фоиз баробар шудааст. Мутаассифона, ҳолати кунунии иҷтимоию иқтисодӣ, ки аз бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ вобаста мебошад, имкониятҳои ҷумҳуриро дар самти гузаштан ба маблағгузории устувори чорабиниҳо дар самти пешгирии ВНМО аз ҳисоби буҷети давлатӣ маҳдуд намудааст ва ҷумҳурӣ то ҳанӯз ба дастгирии сармоягузорони беруна эҳтиёҷ дорад.

Дар самти амалисозии барномаи мазкур ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Хазинаи Глобалӣ оид ба мубориза бар зидди ВНМО, сил ва вараҷа, Нақшаи фавқулоддаи Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико оид ба мубориза бар зидди паҳншавии вируси норасонии масунияти одам ва агентиҳои СММ дастгирии молиявӣ пешниҳод мекунанд.

Қобили зикр аст, ки барнома ва нақшаи амалӣ намудани он аз 6 самтҳои афзалиятноки стратегӣ, аз ҷумла пешгирии ВНМО, ташхис оид ба ВНМО ва ҳамбастагӣ бо системаи пешниҳоди кӯмак, табобат ва расонидани кӯмак вобаста ба сирояти ВНМО, бехатарии хун ва назорати сироятҳо, таҳкими низоми тандурустӣ ва шароити мусоид иборат мебошанд. Ҳар як самти афзалиятнок вазифаҳои мушаххас ва натиҷаҳои асосиро дошта, дар доираи иҷроиши онҳо фаъолиятҳо амалӣ мегарданд.

## Самти афзалиятноки 1
## Пешгирии вируси норасоии масунияти одам

*Вазифаи 1: Зиёд намудани фарогирии гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ба хизматрасонии босифат оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам*

Бояд қайд намуд, ки нашъамандони тазриқӣ, занони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ, маҳкумшудагон ба гурӯҳи хатари баланди сироятёбии

ВНМО, муҳоҷирони меҳнатӣ, занони ҳомила ва ҷавонон ба гурӯҳи осебпазири аҳоли нисбати ВНМО дохил мешаванд.

Бо мақсади иҷрои самти афзалиятноки 1-и барномаи мазкур дар байни гурӯҳҳои дар боло қайдшуда чорабиниҳои гуногун, аз ҷумла тақсимоти сӯзандоруҳои яккарата, маводҳои пешгирикунанда (рифолаҳо, маводҳои гинекологӣ) ва иттилоотӣ гузаронида мешаванд, ки барои паст гардидани сатҳи сироят дар байни намояндагони ин гурӯҳҳо ва пешгирии интиқоли сироят ба алоқамандони онҳо равона гардидааст.

***<u>Нашъамандони тазриқӣ:</u>*** Тибқи баҳодиҳии дар соли 2018 гузаронидашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи тахминии нашъамандони тазриқӣ ба 22 200 нафар баробар мебошад. Аз сабабе, ки дар байни нашъамандони тазриқӣ сироятёфтагони ВНМО зиёд ба қайд гирифта шудаанд, ин гурӯҳ ҳамчун гурӯҳи хатари баланддоштаи аҳолӣ нисбати сироятёбии ВНМО шуморида мешавад. Бояд қайд намуд, ки аз шумораи умумии дар давраи солҳои 1991-2019 дар Тоҷикистон бо сирояти ВНМО дарёфтшудагон (11986 нафар) ҳамагӣ 3791 нафар ё 31,6% ҳодисаҳои сироят дар байни нашъамандони тазриқӣ дарёфт ва бақайд гирифта шудааст.

Дар натиҷаи гузаронидани маҷмӯи чорабиниҳои зиддиэпидемикию пешгирикунанда сол аз сол ҳодисаҳои нави сироятёфтагон дар байни нашъамандони тазриқӣ кам гардида, ин нишондиҳанда аз 17,6% дар соли 2016 то 6,6% дар соли 2019 коҳиш ёфтааст. Мувофиқи натиҷаҳои назорати дидбонии эпидемиологии дар соли 2018 гузаронидашуда, сатҳи паҳншавии сироят низ дар байни намояндагони ин гурӯҳ ба таври назаррас коҳиш ёфта, 11,9%-ро ташкил медиҳад, ки ин нишондод дар соли 2014 ба 12,9% баробар буд.

Дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ имрӯзҳо 36 нуктаҳои боварӣ барои нашъамандони тазриқӣ дар назди марказҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО, муассисаҳои ислоҳӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ фаъолият намуда истодаанд, ки барои мубодилаи сӯзандоруҳои яккарата, тақсимоти маводҳои пешгирикунанда, машваратдиҳӣ оид ба масъалаҳои пешгирии сирояти ВНМО ба намояндагони ин гурӯҳ хизмат мерасонанд. Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки дар доираи иҷроиши барномаи мазкур бояд 12 адад ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки хизматрасониҳоро дар самти пайравии иҷтимоӣ ва пешгирии ВНМО дар байни нашъамандони тазриқӣ ва шарикони ҷинсии онҳо амалӣ менамоянд, аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешуданд. Мутаассифона масъалаи мазкур то ҳанӯз роҳи ҳалли худро наёфтааст.

Инчунин, фарогирии намояндагони ин гурӯҳ бо ташхиси ВНМО зиёд гардида, аз 72,3% дар соли 2016 то 90,1% соли 2019 афзоиш ёфтааст.

Аз рӯи ҳисоботҳои пешниҳодгардида, аз ҷониби Хазинаи Глобалӣ оид ба мубориза бар зидди ВНМО, сил ва вараҷа барои нашъамандони тазриқӣ дар ин давра ба миқдори 6 473 600 адад сӯзандоруҳои яккарата ба маблағи

135 020,60 даллари ИМА, рифолаҳо ба миқдори 780 000 ба маблағи 23 500,11 доллари ИМА, 8 232 литр дорувории метадон ба маблағи 162 253,08 доллари ИМА, дорувории налаксон ба миқдори 52 500 адад ҳаб ба маблағи 28 628,55 доллари ИМА харидорӣ гардида, тавассути ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва муассисаҳои давлатии тандурустӣ ба мизоҷон дастрас карда шудааст.

Дар ин давра бо мақсади пешгирии вируси норасоии масунияти одам, ҳифз ва дастгирии ҳуқуқии нашъамандон маводҳои иттилоотӣ ба миқдори 115 571 адад ба маблағи 17 995,48 доллари ИМА таҳия ва нашр гардида, барои нашъамандони тазриқӣ ва шарикони ҷинсии онҳо дастрас шуда истодааст.

Дар доираи иҷроиши барномаи миллии амалигардида дар ҷумҳурӣ 11 гурӯҳи мобилии сайёр барои пешниҳоди хизматрасониҳо оид ба дарёфти сироятёфтагон дар байни нашъамандон ва намояндагони дигар гурӯҳҳои калидии аҳолӣ ташкил гардида, фаъолияти худро дар ин самт идома дода истодаанд.

Яке вазифаҳои асосии барнома ин кам намудани шумораи нашъамандони фаъол бо истифода аз табобати ивазкунандаи опиоидӣ маҳсуб меёбад. Ҳадафи ин табобат муолиҷаи нашъамандон ва пешгирии паҳншавии сироятҳои тавассути хун гузаранда буда, айни замон бо ин мақсад 15 адад нуқтаҳои пешниҳоди ин табобат дар ҷумҳурӣ фаъолият намуда истодаанд. Аз ин шумора 3 адад, аз ҷумла 1 адад дар муассисаҳои ислоҳӣ дар давраи иҷроиши барнома таъсис дода шудааст ва наздики 700 нафар ниёзмандон ҳамарӯза аз чунин табобат истифода менамоянд. Бо мақсади таъсис ва таҷҳизонидани нуқтаҳои иловагӣ дар ин давра аз ҷониби Хазинаи Глобалӣ молу маҳсулот дар ҳаҷми 32 479,1 доллари ИМА харидорӣ ва насб гардидааст. Ҳамзамон дар ин давра барои нигоҳдории фаъолият ва таҷҳизоти иловагӣ ба 12 нуқтаи мавҷудбуда аз ҷониби ин Хазина бевосита 69 501,48 доллари ИМА хароҷот шудааст.

Бо мақсади пешниҳоди хизматрасониҳои босифат ба мизоҷон дар ин давра як қатор машғулиятҳои омӯзишӣ, аз ҷумла оид ба табобати ивазкунандаи опиоидӣ, паст намудани зарар ба кормандони ташкилотҳои ҷамъиятӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои пайравии иҷтимоӣ ба нашъамандони тазриқӣ, расонидани кӯмаки аввалия ба нашъамандони тазриқӣ дар ҳолати аз меъёр зиёд истеъмол намудани маводи мухаддир ба воситаи доруворӣ налоксон ва риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ин самт амалӣ карда шуд.

***Шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ***: Тибқи натиҷаҳои баҳодиҳӣ шумораи шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ дар соли 2018 ба 17500 нафар баробар мебошад.

Дар натиҷаи гузаронидани маҷмӯи чорабиниҳои зиддиэпидемикию пешгирикунанда сол аз сол ҳодисаҳои нави сироятёфтагон дар байни ин гурӯҳ низ кам гардида, аз 5,1% дар соли 2016 то 2,9% дар соли 2019 коҳиш ёфт.

Сол аз сол фарогирии ин гурӯҳ низ ба ташхиси ВНМО ва пешниҳоди маводҳои пешгирикунанда беҳтар гардида, фарогирӣ ба ташхис аз 6273 нафар дар соли 2014 то 13690 нафар дар соли 2019 аёзоиш ёфтааст.

Аз давраи қабули барнома то имрӯз ҳамагӣ 14 376 нафар шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ ба барномаи пешгирикунандаи ВНМО фаро гирифта шудаанд. Тавассути ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар давоми солҳои 2017-2019 дар байни шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ 7 232 380 адад рифола ва 97 286 адад маводҳои иттилоотӣ тақсим карда шудааст.

Аз ҷониби Хазинаи Глобалӣ барои ин гурӯҳ дар ин давра ба миқдори 11 258 240 адад рифолаҳо ба маблағи 349 029,59 доллари ИМА, ба миқдори 3 757 000 адад любрикантҳо ба маблағи 184 093,00 доллари ИМА, 498 350 маводҳои доруворӣ бо хароҷоти 11 830,88 доллари ИМА харидорӣ гардида, тавассути муассисаҳои давлатии тандурустӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба мизоҷон дастрас карда шудааст.

Дар ин давра, бо мақсади пешгирии вируси норасоии масунияти одам, ҳифз ва дастгирии ҳуқуқии шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ маводҳои иттилоотӣ ба миқдори 39 162 адад бо харҷи 6 097,93 доллари ИМА таҳия ва нашр гардида, барои мизоҷон дастрас шуда истодааст.

Бояд қайд намуд, ки дар доираи иҷроиши барномаи мазкур бояд 8 адад ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки хизматрасониҳоро дар самти пешгирии ВНМО ва сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар байни шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ ва шарикони ҷинсии онҳо фаъолият менамоянд, аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешуданд. Мутаассифона масъалаи мазкур то ҳанӯз роҳи ҳалли худро наёфтааст.

Дар доираи иҷроиши барномаи миллии мазкур 11 ҳуҷраи дӯстона, ки дар назди муассисаҳои давлатии тиббӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ амал менамуданд, фаъолияти худро идома дода истодаанд.

Мутобиқи натиҷаҳои назорати дидбонии эпидемиологӣ дар байни намояндагони ин гурӯҳ дар соли 2018 сатҳи паҳншавии ВНМО ба 3,2% баробар буда, нисбати соли 2014 (3,5%) ба ҳисоби миёна ба 0,6% коҳиш ёфтааст.

Дар доираи иҷроиши барномаи миллии амалишаванда дар ҷумҳурӣ 11 гурӯҳи мобилии сайёр барои пешниҳоди хизматрасониҳо оид ба пешгирии сирояти ВНМО, дарёфти сироятёфтагон дар байни ин гурӯҳ ва намояндагони дигар гурӯҳҳои калидии аҳолӣ ташкил гардида буданд. Дар ин давра низ гурӯҳҳои мазкур дар ин замина фаъолиятро идома дода истодаанд.

Бо мақсади пешниҳоди хизматрасониҳои босифат ба мизоҷон дар ин давра як қатор машғулиятҳои омӯзишӣ, аз ҷумла оид ба пешгирии вируси

норасоии масунияти одам ва сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда, пешниҳоди хизматрасониҳои пайравии иҷтимоӣ ба шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ ва риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ин самт амалӣ карда шуд.

***Маҳкумшудагон:*** Бо мақсади пешгирии паҳншавии сирояти ВНМО дар байни маҳкумшудагон дар ҳамкорӣ бо Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои ислоҳӣ маводҳои пешгирикунанда ва иттилоотӣ пешниҳод карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки тамоми хизматрасониҳо дар самти пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО дар муассисаҳои ислоҳӣ, аз қабили ташхисҳои гуногун, табобати зиддиретровирусӣ ва бемориҳои ҳамрадиф ба таври ройгон пешниҳод мегардад.

Бо мақсади муолиҷаи нашъамандон ва пешгирии паҳншавии сироятҳои тавассути хун гузаранда, айни замон дар муассисаҳои ислоҳӣ 1 адад нуқтаҳои пешниҳоди табобати ивазкунандаи опиоидӣ фаъолият намуда истодаанд, ки хароҷоти фаъолият ва дастрасии дорувории методон аз ҷониби Хазинаи Глобалӣ маблағгузорӣ карда мешавад.

Дар ин давра оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам, сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда маводҳои иттилоотӣ ба миқдори 42265 адад бо харҷи 6 581,16 доллари ИМА таҳия ва нашр гардида, дар байни маҳбусон тақсим карда шудааст. Дар соли 2018 5648 нафар ва дар соли 2019 то инҷониб 7111 нафар маҳкумшудагон аз ташхис гузаронида шудаанд.

***Муҳоҷирони меҳнатӣ:*** Яке аз омилҳое, ки солҳои охир масъалаи пешгирии сирояти ВНМО-ро мушкил гардонида, сабаби паҳншавии он дар байни аҳолии Тоҷикистон мегардад, муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад.

Айни замон, асосан дар масъалаи муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ Федератсияи Россия ва баъдан Ҷумҳурии Қазоқистон барои шаҳрвандони Тоҷикистон давлатҳои қабулкунанда ба шумор мераванд. Чи тавре, ки аз маълумотҳои расмӣ маълум мегардад, ҳолати эпидемикии сирояти ВНМО дар Федератсияи Россия ташвишовар арзёбӣ гардида, шумораи сироятёфтагони ин беморӣ зиёда аз 1 млн. нафарро ташкил медиҳанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир дар натиҷаи инкишоф ёфтани муҳоҷирати байналмилалӣ ҳолати эпидемикии ВНМО дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ ташвишовар гардида, шумораи сироятёфтагон дар байни ин гурӯҳ зиёд шуда истодааст. Тибқи нишондодҳои омории расмӣ дар Тоҷикистон сироятёфтагони бо вируси норасоии масунияти одам дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ дар соли 2015 аз шумораи умумии дарёфтшудагон 10,1%-ро ташкил менамуданд. Ин нишондиҳанда 18,8% дар соли 2018 ва 17% дар соли 2019 ташкил медиҳад.

Бо мақсади муайянсозии сатҳи паҳншавии сирояти ВНМО дар байни ин гурӯҳ дар соли 2020 гузаронидани назорати дидбонии эпидемиологӣ ва

тадқиқот оид ба сатҳи маълумотнокӣ, муносибат ва таҷриба дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар соли 2017 бо мақсади расонидаи машваратҳои тиббию ҳуқуқӣ ва маводҳои пешгирикунанда оиди сирояти ВНМО ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва аҳли оилаҳои онҳо дар ҳамкорӣ бо Барномаи муштараки СММ оиди пешгирии ВНМО (UNAIDS) 15 адад ҳуҷраҳои дӯстона дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ташкил гардид. Тибқи таҳлилҳо дар солҳои 2017-2018 ва дар давоми соли 2019 аз ҷониби ҳуҷраҳои дӯстона ба 11 613 нафар шаҳрвандон, ки мақсади сафар ба дигар давлатҳоро доштанд, машварат расонида шуда, дар байни онҳо 69 428 адад рифола ва 3 967 адад маводҳои иттилоотӣ тақсим карда шуд. Инчунин, ба 1250 нафар шахсони гумонбарон роҳхат барои гузаштан аз ташхиси ВНМО дода шуда, 78 нафар барои гирифтани хизматрасонии тиббӣ вобаста ба бемориҳои сироятии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда ба машварати духтури пӯсту зуҳравӣ равона карда шуданд.

Инчунин, дар солҳои 2013-2019 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Ҳукумати Федератсияи Россия 4 адад автомашинаҳои махсус барои фарогирии аҳолии дурдаст бо ташхису машваратҳо нисбати ВНМО харидорӣ ва дастрас карда шудаанд, ки 2 адади онҳо дар солҳои 2018-2019 пешкаш карда шудааст. Автомашинаҳои махсус дар назди марказҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО ҷумҳуриявӣ ва вилоятҳо буда, барои минтақаҳои дурдасти шаҳру ноҳияҳои кишвар бо мақсади фарогирии муҳоҷирони меҳнатӣ ва дигар қишрҳои аҳолӣ бо ташхиси ройгони ВНМО сафарбар карда мешаванд.

***<u>Ҷавонон:</u>*** Дар байни ҷавонон дар ин давра 45 чорабинии маърифатию оммафаҳмонии васеъ бо иштироки 18 000 нафар ҷавонон ташкил ва гузаронида шуд. Тибқи нақшаи муштараки корӣ бо Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷойҳои серодами шаҳри Душанбе ва донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ ба таври мунтазам корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуда, дар рафти онҳо 2900 нафар хоҳишмандон аз ташхис гузаронида шудаанд. Инчунин, бахшида ба 1 декабр – Рузи умумиҷаҳонии мубориза бар зидди БПНМ дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ чорабиниҳои оммафаҳмонию пешгирикунанда, хусусан дар байни ҷавонон аз тарафи вазорату кумитаҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ташкил ва гузаронида шудаанд, ки дар онҳо зиёда аз 14 000 ҷавон бо чорабиниҳои мазкур фаро гирифта шудаанд.

***<u>Пешгирии сирояти ВНМО аз модар ба кӯдак:</u>*** Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳолати эпидемикии сирояти ВНМО дар байни кӯдакони аз модарони бо ВНМО зиндагикунанда ба тадриҷ ба танзим даромада, сатҳи паҳншавӣ бо роҳи амӯдӣ сол аз сол кам шуда истодааст. Нишондиҳандаи паҳншавии сироят аз модар ба кӯдак агар дар соли 2016 ба 4,8% баробар бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2019 то 3,7% паст фаромадааст.

Дар доираи иҷроиши барнома бо мақсади пешгирии паҳншавии сирояти ВНМО барои занони бо вируси норасоии масунияти одам сироятёфта харидории бастаҳои яккаратаи гинекологӣ ба нақша гирифта шуда буд, аммо мутаасифона бо ин мақсад маблағ ҷудо нагардид.

Дар асоси маълумоти пешниҳодшудаи бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар соли 2019 ҳамагӣ 759 нафар кӯдакони мубталои ВНМО дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кӯмакпулии ҳармоҳаи давлатӣ то синни 16-сола таъмин карда мешаванд. Тибқи таҳлилҳо дар давраи иҷроиши барнома ба чунин кӯдакон ба маблағи 3 896 100 сомонӣ кӯмакпулӣ пардохт карда шудааст.

Дар солҳои охир баҳри таъмини ғизои сунъӣ барои кӯдаконе, ки аз модарони сироятёфта таваллуд шудаанд, дар ҷумҳурӣ таъмини сарикасии чунин оилаҳо бо ғизои кӯдаконаи сунъӣ ба роҳ монда шуд. Тибқи талаботи боби 24, моддаи 167-и Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошуда норасоии масуният навзодони аз модарони мубталои сирояти ВНМО таваллудшуда то пурра мушахасс шудани ташхиси кӯдак оиди мавҷудияти ВНМО, яъне то синни 18 моҳагӣ бояд бо ғизои сунъӣ таъмин карда шаванд.

Ҷиҳати харидории ғизои ивазкунандаи шири модар дар соли 2018 ҳамагӣ 67 210 сомонӣ ҷудо гардид, ки нисбати соли 2017 ин рақам 16,3% зиёд буда, ин нишондиҳанда дар сметаи хароҷотии соли 2019 то 197 442 сомонӣ ё 2,9 маротиба зиёд ба нақша гирифта шудааст.

Ҳарчанд дар давраи иҷроиши барнома таъмин бо ғизои сунъӣ ба ниёзмандон хеле беҳтар гардида бошад, ҳам мутаассифона на ҳамаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои чунин кӯдакон ғизои сунъӣ ҷудо менамоянд. Аз ҷумла дар соли 2017 дар 18 шаҳру ноҳия, дар соли 2018 дар 17 шаҳру ноҳия ва дар соли 2019 дар 13 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ, ки дар онҳо кӯдакони аз модарони сироятёфтаи ВНМО таваллуд шудаанд, аз буҷети маҳаллӣ умуман маблағ ҷудо нагардидаст.

Аз ин рӯ, дар бештари ҳолатҳо таъмини ғизои сунъӣ ба чунин кӯдакон аз ҳисоби худи волидайн сурат мегарад. Набудани имкониятҳои иқтисодии баъзе оилаҳо эҳтимолияти ба кӯдакон додани шири синаро зиёд мегардонад, ки ин ҳолат дар навбати худ хатари паҳншавии сирояти ВНМО-ро аз модар ба кӯдак зиёд месозад.

Ҷиҳати пешниҳоди хизматрасониҳои босифат ба модарони бо ВНМО зиндагикунанда ва пешгирии сироят аз модар ба кӯдак дар ин давра як қатор машғулиятҳои омӯзишӣ, аз ҷумла оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам, оид ба машваратдиҳӣ ва ташхис нисбати вируси норасоии масунияти одам амалӣ карда шуд.

## Самти афзалиятноки 2:
## Тесткунонӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам ва ҳамбастагӣ бо системаи пешниҳоди кӯмак

*Вазифаи 2: Беҳтар намудани дарёфти саривақтии сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам дар байни гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ ва осебпазири аҳолӣ*

Бо мақсади иҷрои талаботи барномаи мазкур ҷиҳати тесткунонӣ дар давраи ҳисоботӣ ташхиси аҳолӣ беҳтар гардида, фарогирии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, аз ҷумла нашъамандони тазриқӣ, шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ, маҳбусон, муҳоҷирони меҳнатӣ ва занони ҳомиладор зиёдтар карда шуд. Чи тавре, ки аз маълумотҳо бар меояд, дар соли 2017 ҳамагӣ 612123 нафар, дар соли 2018 ҳамагӣ 780688 нафар ва дар соли 2019 ҳамагӣ 1 000 303 нафар дар ҷумҳурӣ аз ташхиси ВНМО гузаронида шудаанд, ки дар натиҷа дар соли 2017 ҳамагӣ 1205, соли 2018 ҳамагӣ 1421 ва дар соли 2019 ҳамагӣ 1320 ҳодисаҳои нави сирояти ВНМО дарёфт ва бақайд гирифта шудаанд.

Дар асоси маълумоти пешниҳоднамудаи Барномаи пешгӯикунандаи “Спектрум” дар охири соли 2016, дар Тоҷикистон тахминан 13379 нафар бо сирояти ВНМО зиндагӣ менамуданд, ки аз ин шумора танҳо 37,5% нисбати сироятнок будани худ огоҳӣ доштанду халос, мувофиқи баҳодиҳии соли 2018 тахминан дар Тоҷикистон 13000 нафар шахсони бо ВНМО зиндагикунанда мебошанд. Дар натиҷаи беҳтар намудани фаъолиятҳо дар самти фарогирии аҳолӣ бо ташхиси ВНМО ва дарёфти саривақтии сироятёфтагон фоизи шахсоне, ки оиди сирояти худ огоҳ мебошанд ба 68% расидааст.

Сатҳи дарёфти бемории ВНМО дар байни ташхисшудагон дар соли 2018 – 0,18% ва дар соли 2019 – 0,13%-ро ташкил медиҳад, ки ин аз мӯътадил будани ҳолати эпидемиологии ВНМО дар Тоҷикистон шаҳодат медиҳад. Ноил шудан ба фарогирии бештари аҳолӣ бо ташхиси ВНМО аз рӯи зиёд шудани шумораи марказҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО, аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳое, ки ҳолати эпидемиологии ВНМО диққатҷалбкунанда мебошад, имкониятҳо пайдо намудааст. Айни замон дар ҷумҳурӣ зиёда аз 320 ташхисгоҳҳои замонавӣ, аз ҷумла 42 дастгоҳҳои замонавии ташхиси иммуноферментӣ фаъолият менамоянд. Ҳоло, дар Тоҷикистон ҳамагӣ 64 марказҳои махсус оид ба хизматрасонӣ дар самти ВНМО/БПНМ фаъолият мебаранд, ки 22 адади онҳо танҳо дар солҳои 2017-2019 таъсис дода шуда, аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо дастгирии шарикони рушд таҷҳизонида шудаанд. Дар баробари ин, заминаи моддию техникии ташхисгоҳҳои махсус оид ба назорати табобати зиддиретровирусӣ низ дар ҷумҳурӣ мустаҳкам шуда истодааст. Масъалан, дар назди 11 марказҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО дастгоҳҳои муайянкунии таҷзияи занҷираи полимеразӣ (ПЦР) ва дар назди 7

марказҳо муайянкунии ҳуҷайраҳои СД4 ташкил ва фаъолият менамоянд. Ташкил намудани чунин ташхисгоҳҳо имконият медиҳад, ки сифати табобатро назорат бурда, ҳангоми зарурият ба реҷаи табобат тағйиротҳо ворид карда мешавад.

Дар соли 2019 фарогирии намояндагони гурӯҳҳои дорои хатари баланд бо ташхиси ВНМО зиёд гардидаст, аз ҷумла 20 006 нафар нашъамандони тазриқӣ ва 13690 нафар шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ бо ин ташхис фаро гирифта шудаанд. Бояд қайд намуд, ки ташхиси намояндагони ин гурӯҳҳо сол аз сол беҳтар гардида, дар соли 2019 нисбати соли 2018 фарогирӣ ба ташхис дар байни нашъамандони тазриқӣ ва дар байни шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ хеле бештар шудааст.

Бо мақсади боз ҳам дастрасӣ пайдо намудани намояндагони гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ ва осебпазири аҳолӣ ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ барои дар амалия ҷорӣ намудани машваратдиҳӣ ва тесткунонӣ бо фармоиши ВТ ҲИА ҶТ (аз 30.09.2015 сол, №832 “Оиди фарогирии бештари аҳолӣ ба ташхиси вируси норасоии масунияти одам”) иҷозат дода шуд. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ метавонанд дар асоси шакли соддакардашуда иҷозатнома гирифта, намояндагони гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбии аҳолиро аз ташхис гузаронанд. Дар ин давра ҳамагӣ 6 такшилотҳои ҷамъиятӣ фаъолияти худро дар ин самт бурда истодаанд.

Дар ҷумҳурӣ дар давраи иҷроиши барнома машваратдиҳӣ ва тесткунонӣ бо истифодаи маводи биологӣ-луоби даҳон дар заминаи ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо фармоиши ВТ ҲИА ҶТ ҷорӣ карда шуд. Дар солҳои 2017 ҳамагӣ 14236 нафар, 2018 ҳамагӣ 18091 нафар ва дар соли 2019 ҳамагӣ 22607 нафар аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо ин усул аз ташхиси ВНМО гузаронида шудаанд. Усули номбурда бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани дастрасии ниёзмандон ҷорӣ карда шуда, барои нафароне, ки ба муассисаҳои тандурустӣ ташриф овардан намехоҳанд, тавсия дода мешавад. Инчунин, барои амалӣ намудани чунин усул корманди тиб будани иҷрокунанда ҳатмӣ нест. Дар умум аз ҷониби Хазинаи Глобалӣ ва Лоиҳаи флагмани USAID 39 600 адад чунин тестҳо ба маблағи умумии 87 355 доллари ИМА ворид ва тавассути ташкилотҳои ҷамиятӣ истифода карда шуд.

Бояд қайд намуд, ки дар ин давра тестҳои фаврӣ бо истифодаи хуни капилярӣ барои фарогирии гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбии ВНМО ба пуррагӣ ба миқдори 136 900 адад дар ҳаҷми 149 710,19 доллари ИМА аз ҳисоби Хазинаи Глобалӣ дастрас карда шуданд.

***<u>Маҳкумшудагон:</u>*** Дар соли 2017 ҳамагӣ 11 374 нафар ва дар соли 2018 ҳамагӣ 5648 нафар маҳкумшудагон аз озмоиши ВНМО гузаронида шуда, дар натиҷа 125 ҳолати нави сирояти ВНМО дарёфт гардид. Дар соли 2019 бошад ҳамагӣ 7111 нафар маҳкумшудагон ташхис гардида, дар байни онҳо 23 нафар сироятёфтагон ба қайд гирифта шуданд. Ҳарчанд дар муассисаҳои ислоҳии

кишвар шумораи ташхисшудагон сол аз сол зиёд гардад ҳам, дарёфти сироятёфтагон сол аз сол кам шуда истодааст. Фарогирӣ ба ташхиси ВНМО дар соли 2015 ба 58,1%, соли 2016 ба 66,6%, дар соли 2017 ба 92,9%, дар соли 2018 ба 82,7% ва дар соли 2019 ба 71,1% баробар буда, сатҳи сироятёбии маҳбусон мутаносибан 1,3%, 0,9%, 0,7%, 0,6%, 0,3%-ро ташкил дод, ки ин нишондиҳандаи хуб дар пешгирии сирояти ВНМО дар муассисаҳои ислоҳӣ ба шумор меравад.

Тибқи нишондоди омори расмӣ дарёфти сироятёфтагон дар соли 2017 аз ҳисоби маҳбусон ба 5,5%, дар соли 2018 ба 4% ва дар соли 2019 ба 1,7% баробар гардид. Ин нишондиҳанда дар соли 2016 ба 5,9% баробар буд, ки ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар натиҷаи беҳтар намудани фаъолиятҳо сатҳи сироятёбӣ дар байни ин гурӯҳ паст шуда истодааст.

Баҳри дастрас намудани намунаҳо барои ташхис ва тасдиқи натиҷаҳо аз муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ озмоиши низоми устувори ҳамкории байнисоҳавӣ ташкил гардида, тамоми озмоишҳо ба таври ройгон санҷида мешаванд.

Бо мақсади беҳтар намудани сатҳи дониш ва малакаи кормандони соҳаи тандурустии муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятии кишвар ба таври мунтазам машғулиятҳои омӯзишӣ гузаронида мешавад.

***<u>Муҳоҷирони меҳнатӣ:</u>*** Бо мақсади расонидани хизматҳои ройгони тиббӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо 4 адад дармонгоҳи сайёр дар ҳудуди минтақаи Кӯлоб ва Бохтари вилояти Хатлон, Суғд ва ноҳияҳои тобеи марказ фаъолият менамоянд, ки 2 адади он дар давраи иҷроиши барнома ба ҷумҳурӣ ворид гардидаанд. Дар ин замина дар соли 2017 ҳамагӣ 12668 нафар, дар соли 2018 ҳамагӣ 16639 нафар ва соли 2019 ҳамагӣ 20199 нафар ниёзмандон аз ташхиси ВНМО гузаронида шудаанд.

***<u>Ҷавонон:</u>*** Таҳлили ҳолат ва омори расмӣ нишон медиҳад, ки дарёфти сироятёфтагон дар соли 2017 аз ҳисоби ҷавонони синни 15-24 сола ба 6,7% ва дар соли 2018 ба 7,9% ва дар соли 2019 ба 8,5% аз шумораи умумии дарёфтшудагонро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда дар соли 2016 дар байни ин гурӯҳ ба 7,2% баробар буд.

***<u>Пешгирии сирояти ВНМО аз модар ба кӯдак:</u>***

Яке аз масъалаҳои ҷиддӣ оид ба элиминатсияи (ба пуррагӣ аз байн бурдани) роҳи сирояти ВНМО аз модар ба кӯдак мебошад, ки нисбати ин масъала аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он солҳои охир дар ин самт низ ба дастовардҳои назаррас ноил гардидаанд, аз ҷумла харидории маводҳои ташхискунанда барои ташхиси ВНМО дар байни занони ҳомила ва никоҳшавандагон аз буҷаи давлатӣ. Харидори маводҳои ташхисии фаврӣ барои фарогирии занони ҳомиладор аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардида, бо ин мақсад дар соли 2017 аз ҷониби буҷаи давлатӣ 880 294 сомонӣ,

дар соли 2018 ҳамагӣ 1 401 791 сомони ва дар соли 2019 барои харидории тестҳо 2 107 868 сомонӣ ҷудо гардидааст. Ҳарчанд дар ин самт маблағгузорӣ сол аз сол беҳтар шуда бошад, ҳам он барои фарогирии пурраи занон ба ташхиси фаврӣ басанда нест. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷумҳурӣ ҳамасола тахминан 250 ҳазор занони ҳомила ба қайд гирифта мешаванд, ки қисми бештари онҳо (зиёда аз 98%) ҳангоми ҳомиладорӣ аз ташхиси ВНМО гузаронида мешаванд. Ҳангоми муайян намудани сирояти ВНМО дар байни занони ҳомила онҳо ба назорати диспансерии марказҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО гирифта, дар якҷоягӣ бо табибони бемориҳои занонаи марказҳои солимии репродуктивӣ табобати пешгирикунандаи сирояти ВНМО аз модар ба кӯдак таъин ва назорат бурда мешавад. Бояд қайд кард, ки дар ҷумҳурӣ аз аввали бақайдгирии занони ҳомилаи сироятёфтаи ВНМО то охири соли 2019 ҳамагӣ 1491 ҳодисаи сирояти ВНМО дар байни занони ҳомила бақайд гирифта шудаанд, ки аз онҳо 1450 нафар (97,2%) бо табобати пешгирикунанда фаро гирифта шуда, то имрӯз 1175 нафар занҳои ҳомила таваллуд карданд. Айни замон 275 нафар занони ҳомила бо сирояти ВНМО зери назорати антенаталӣ қарор доранд. Аз шумораи умумии кӯдакони таваллудшуда (1175 нафар), 100 нафар кӯдакон дар рӯзҳои аввали баъд аз таваллуд бо сабабҳои гуногун фавтиданд, 803 нафар бо сабаби манфӣ будани натиҷаи ташхиси ВНМО аз қайд бароварда шуданд, 37 нафар бо сирояти ВНМО дар омори расмӣ ба қайд гирифта, ба табобати зиддиретровирусӣ фаро гирифта шудаанд. Боқимонда 235 нафар кӯдаконе, ки аз модарони мубталои ВНМО таваллуд ёфтаанд, айни замон то марҳилаи 18 моҳагӣ дар таҳти назорати мутахассисон қарор доранд. Бояд қайд кард, ки фоизи сироятёбии кӯдаконе, ки аз модарони мубталои ВНМО таваллуд шудаанд ҳамагӣ 4,4%-ро (37 аз 840 нафар) ташкил медиҳад. Аз рӯи таҳлилҳо маълум мегардад, ки дар бештари ҳолатҳо (32 аз 37) сабаби сирояти кӯдакон бо ВНМО аз модари мубталои ин беморӣ дар он аст, ки модарони сироятшуда дар марҳилаи 3-юми ҳомиладорӣ ва ҳангоми таваллуд дарёфт шуда, ба барномаи пешгирикунандаи сироят саривақт фаро гирифта нашудаанд. Инчунин, дар байни ингуна занҳои ҳомила 2 нафар аз байни намояндагони гурӯҳҳои дорои хатари баланд буда, доруҳои зиддиретровирусии таъиншударо саривақт истеъмол накарда, аз табобат мунтазам даст мекашидаанд.

Бо мақсади беҳтар намудани дарёфту муайянсозии сироятёфтагони ВНМО соли ҷорӣ “Дастурамал оид ба ташхис, муолиҷа ва назорати диспансерии сирояти вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (навзодон, кӯдакон, наврасон ва калонсолон)” таҳия гардида, Ҳуҷҷати мазкур тибқи фармоиши ВТ ҲИА ҶТ аз 14 майи соли 2019, №342 тасдиқ гардидааст ва дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қайди давлатӣ гузаронида шуда ва ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дастрас карда

шуд. Тибқи талаботи ҳуҷҷати номбурда низоми тасдиқи ташхис ва алгоритми тесткунонӣ соддатар карда шуда, имконияти гузоштани ташхиси ниҳоӣ дар сатҳи вилоятҳои ҷумҳурӣ низ фароҳам оварда шуд.

Дар давраи иҷроиши барнома системаи пешниҳоди натиҷаҳои ташхис аз нав дида баромада шуд, дар асоси он дар камтарин мӯҳлат хабардор намудани духтури табобатӣ нисбати ҳолати бемор ва натиҷаи ташхис имконпазир гардид.

Яке аз роҳҳои асосии пешгирии паҳншавии сирояти ВНМО ин беҳтар намудани назорати диспансерии сироятёфтагон ва фарогирии онҳо ба табобат ба шумор меравад. Бояд қайд намуд, ки назорати диспансерии сироятёфтагони ВНМО танҳо дар марказҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО амалӣ карда шуда, сол аз сол ин нишондиҳанда беҳтар шуда истодааст.

Дар ин давра 4 марказҳои асосии пешгирӣ ва мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам бо мақсади амалӣ намудани ташхисҳои иловагии лабораторӣи барои оғози табобати зиддиретровирусӣ зарур ва ташхисҳо оид ба муайянсозии сарбории вирусӣ ва инчунин скрининги бемории сил фаъолияти худро оғоз намуданд. Бо ин мақсад аз ҷониби Хазинаи глобалӣ 4 адад дастгоҳи GeneXpert ба маблағи 100 520 доллари ИМА харидорӣ ва васл карда шуд.

**Самти афзалиятноки 3:**
**Табобат ва расонидани кумак вобаста ба сирояти вируси норасоии масунияти одам**

*Вазифаи 3: Зиёд намудани фарогирии шахсони бо ВНМО зиндагикунанда ба табобати босифат, пешниҳоди кӯмак ва хизматрасониҳо вобаста ба сирояти ВНМО*

Яке аз самтҳои асосии пешгирии сирояти ВНМО фарогирии ҳар чи бештари сироятёфтагони ВНМО ба табобати зиддиретровирусӣ маҳсуб меёбад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди табобати зиддиретровирусӣ аз соли 2006 оғоз гардида, он ба таври ройгон ба ниёзмандон пешкаш карда мешавад. Дар доираи санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии амалкунанда давлат ба шахсони бо ВНМО зиндагикунанда табобати зиддиретровирусии ройгонро кафолат додааст. Аз ин рӯ ҳар як нафари сироятёфта имконият дорад, ки вобаста ба зарурат аз табобати ройгон бархурдор бошад. Айни замон таъмини доруҳои зиддиретровирусӣ ба пуррагӣ аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ, асосан аз ҷониби Хазинаи глобалӣ оид ба мубориза бар зидди бемории пайдошудаи норасоии масуният, сил ва вараҷа амалӣ карда мешавад. Дар ин давра аз ҳисоби хазинаи мазкур 262 911 адад ҳабҳои

гуногуни зиддиретровирусӣ ба маблағи 2 351 821,57 доллари ИМА харидорӣ ва ба ниёзмандон дастрас карда шудааст.

Яке аз ҳадафи асосӣ дар самти фаъолият ин дарёфти беморон, муоинаи онҳо, фарогирӣ ба табобати зиддиретровирусӣ (ЗРВ) мебошад. Аз шумораи умумии дарёфтшудагон (11986 нафар) ҳамагӣ 8756 нафар зинда буда, 7594 нафари онҳо дар қайди назорати диспансерӣ қарор доранд, ки 86,7%-ро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии дар қайди назорати диспансерӣ будагон ҳамагӣ 6961 нафар беморон ба табобати зиддиретровирусӣ фаро гирифта шудаанд ва табобатро идома доранд, ки 79,5%-ро ташкил менамояд. Ба ҳамаи дарёфтшудагон аз тарафи мутахассисони соҳа машварат оид ба манфиатҳои табобат, назорати диспансерӣ, пайравӣ ба табобат, ҷиҳати ҳуқуқ ва озодиҳои шахсони сироятёфта ва нисбати ҳуқуқ вайронкунии маъмурӣ ва ҷиноӣ вобаста ба сирояти ВНМО ба таври ҳатмӣ гузаронида мешавад. Бояд қайд кард, ки дар байни зиёда аз 73% беморони гирандагони табобати зиддиретровирусӣ сатҳи сарбории вирусӣ номуайян арзёбӣ гаштааст, ки ин аз таъсирбахш будани табобат шаҳодат медиҳад. Инчунин, зиёдшавӣ ва таъсирбахши табобати зиддиретровирусӣ ба сатҳи фавт дар байни шахсони бо ВНМО зиндагикунанда низ таъсири мусбӣ расонидааст. Нишондоди мазкур дар соли 2019 ҳамагӣ 5,8% нисбат ба 7,6% дар соли 2017 ташкил додаст.

Аз ҳисоби умумии шахсони бо ВНМО зиндагикунанда (8756 нафар) 6961 нафар ё 79,5% табобати зиддиретровирусиро идома доранд. Дар соли 2018 ҳамагӣ 1397 нафар сироятёфтагон ба табобат фаро гирифта шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли 2017 (1419 нафар) 1,5% камтар мебошанд. Умуман дар давоми соли 2019 ҳамагӣ 1720 нафар беморон ба табобат бори аввал ва такроран (барқарор) фаро гирифта шуданд, ки аз онҳо 1327 бори аввал (1119 нафар аз шумораи бемороне, ки дар соли 2019 дарёфт шуданд ва 208 нафар аз солҳои пешина) ва 393 такроран ба табобат барқарор карда шудаанд. Тибқи талаботҳои вазифавии барномаи мазкур бояд 90% шахсони бо ВНМО зиндагикунанда то охири соли 2020 ба табобат фаро гирифта шаванд. Айни замон ин нишондиҳанда ба 79,5% баробар буда, дар охири соли 2015 ба 51,2% баробар буд.

Бо мақсади ҷалби шахсоне, ки аз табобат даст кашидаанд, системаи тавсияи ташрифҳо барои табобатгирандагони табобати зиддиретровирусӣ ташкил карда шуда, дафтари муроҷиату ташриф, зангҳои телефонӣ ва хабардоркунӣ тавассути паёмак ба роҳ монда шудааст. Ҳамзамон дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ баҳри беҳтар намудани пайравии шахсони бо ВНМО зиндагикунанда ба табобати зиддиретровирусӣ ва дарёфту барқарорсозии шахсони аз табобат досткашида фаъолиятҳо бурда мешавад. Бо мақсади беҳтар намудани пайравӣ ба табобат ва истеъмоли саривақтии доруворихо аз ҷониби Хазинаи глобалӣ дар ин давра таҷҳизоти

огоҳкунанда, аз ҷумла ҳабкуттиҳо, ва таймерҳо ба маблағи 18 722,28 доллари ИМА харидорӣ ва дастрас карда шудааст.

Дар ин давра баҳри беҳтар намудани пайравӣ ба табобат ва истеъмоли саривақтии доруворихо ба ниёзмандони табобат маводҳои иттилоотӣ ба миқдори 15 000 адад бо харҷи 1 650 доллари ИМА таҳия ва нашр гардида, тақсим карда шудааст.

То соли 2017 дар асоси пешниҳодҳои Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ ва тибқи талаботи протоколҳои клиникии амалкунанда на ҳама сироятёфтагони ВНМО зарурат ба гирифтани табобати зиддиретровирусиро дошта, на ҳамаи беморон ба табобат фаро гирифта мешуданд. Дар соли 2019 протоколи клиникии табобат боздид гардида, тасдиқ карда шуд, ки тибқи талаботҳои он ба ҳамаи сироятёфтагони ВНМО баъди дарёфт, новобаста аз ҳолати умумиашон, табобати зиддиретровирусӣ тавсия дода мешавад. Ин тағйирот фарогирии сироятёфтагонро ба табобат боз ҳам беҳтар гардонида, саломатиашонро бардавом нигоҳ дошта, хатари паҳншавии сироятро аз сироятёфтагон ба шахсони солим ниҳоят паст созад.

Тибқи таҳлилҳо дар натиҷаи беҳтар гардидани фарогирӣ ба табобат фоизи фавт камтар гардида, ин нишондиҳанда аз 9,3% дар соли 2016 то ба 6,6% дар соли 2019 паст гардид. Тибқи талаботҳои барномаи қабулгардида то охири соли 2020 фавт вобаста ба бемории пайдошудаи норасоии масуният то 50 фоиз бояд кам карда шавад. Тамоили пастшавии фавт нишондиҳандаи хуб буда, имконияти расидан ба талаботҳои барнома мавҷуд мебошад.

Дар ин давра бо мақсади пешниҳоди хизматрасонии машваратдиҳии баробар дар марказҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо табобатгирандагон оид ба пайравӣ ба табобат аз ҳисоби шахсони бо ин сироят зиндагикунанда 21 нафар омӯзонида шудаанд, ки ба шахсони ниёзманд машварати баробар ба баробар медиҳанд.

Бо мақсади беҳтар намудани дастрасии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ба дастгирии иҷтимоӣ ва кӯмаки паллиативӣ дар ҷумҳурӣ 7 клиникаҳои махсус дар назди беморхонаҳои сироятӣ (Душанбе, Бохтар, Кулоб, Хуҷанд, Хоруғ, Рудакӣ, Конибодом) фаъолият мекунанд, ки ҳамагӣ дар соли 2017-ум ба 711 нафар, дар соли 2018-ум ба 822 нафар ва соли ҷорӣ ба 846 нафар табобати зиддиретровирусӣ, опортунистӣ ва кӯмаки паллиативӣ расонида шудааст.

Бо мақсади баҳодиҳии самаранокии табобати зиддиретровирусӣ ба таври мунтазам бояд сарбории вирусии шахсони бо ВНМО зиндагикунанда санҷида шавад. Аз сабабе, ки то соли 2016 дар ҷумҳурӣ танҳо як дастгоҳ оиди муайянсозии сарбории вирусӣ мавҷуд буд, барои аз чунин озмоиш гузаронидани ҳамаи сироятёфтагон имконият маҳдуд буд. Баъди муҷаҳҳазгардонии марказҳои ВНМО дар вилояти Суғд ва минтақаи Кӯлоби

вилояти Хатлон масъалаи мазкур ҳалли худро ёфта, дар ин самт беҳбудӣ ба мушоҳида мерасад.

Дар соли ҷории 2019 ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ 6482 нафар ниёзмандон (91,8%) аз ташхиси муаянкунандаи сарбории вирусӣ гузаронида шудаанд. Фарогирии ниёзмандон ба таҳлили сарбории вирусӣ сол аз сол беҳтар гардида, аз 26,1% дар соли 2015 то 95% дар соли 2019 зиёд гардидаст. Бояд қайд кард, ки тибқи протоколи нави клиникӣ тасдиқшуда, беморон дар як сол на кам аз як маротиба аз ташхиси сарбории вирусӣ гузаронида мешаванд.

Яке аз масъалаҳое, ки табобати сирояти ВНМО-ро мушкил мегардонад, мавҷудияти бемориҳои ҳамрадифи сил ва ВНМО мебошад. Аз аввали бақайдгирӣ то имрӯз 1459 нафар сироятёфтагони ВНМО/Сил бақайд гирифта шудааст, ки 880 (60,3%) нафари онҳо аз ҳисоби сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам ва 579 (39,7%) нафари онҳо аз ҳисоби бемороени сил дарёфт карда шудаанд. Бо мақсади ташхиси барвақтии сил дар сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам муассисаҳои тандурустӣ аз ҳисоби Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил» мавод барои акси ренгтенӣ таъмин карда мешаванд.

То инҷониб аз 1459 нафаре, ки ҳамчун сироятёфтагони ҳамрадифи ВНМО/Сил дарёфт карда шудааст ба 1352 нафари онҳо табобати зиддиретровирусӣ таъин карда шудааст, ки 92,6%-ро ташкил медиҳад. Қайд кардан ба маврид аст, ки аз шумораи умумии сироятёфтагони ВНМО/Сил мутаассифона бо сабабҳое, ки сироятёфтагони ВНМО/Сил дар марҳилаи дер дарёфт мегарданд, 584 нафари онҳо фавтидаанд, ки 41%-ро дар байни беморони бо ВНМО/Сил ташкил медиҳад. Бо мақсади роҳ надодан ба сироятёбии сил дар байни сироятёфтагони ВНМО, онҳо ба табобати пешгирикунанда тавассути доруворӣи зиддисилӣ фаро гирифта мешаванд. Бояд қайд намуд, ки таъмини доруворӣи зиддисилӣ аз ҳисоби Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил» дар асоси дархост амалӣ гардонида мешавад. Дар давраи иҷроиши барнома мушкилот дар самти таъмини мавод барои акси рентгенӣ ва доруворӣи изониазид ба мушоҳида нарасидааст. Фарогирии беморони ВНМО бо табобати пешгирикунанда сил сол аз сол беҳтар гардида, дар соли 2019 ба 81,1% баробар гардидааст. Ин нишондиҳанда дар соли 2015 ҳамагӣ 40% ва дар соли 2018 ҳамагӣ 77%-ро ташкил медод.

**Самти афзалиятноки 4:**
**Бехатарии хун ва назорати сироятҳо**

*Вазифаи 4: Беҳтар намудани барномаи бехатарии хун ва назорати сироятҳо*

Бо мақсади иҷрои талаботи бандҳои Самти афзалиятноки 4-и барнома ҳамаи намунаҳои хуни донории омодашуда ва ҷузъҳои он нисбати сирояти ВНМО санҷида мешаванд. Тибқи нишондиҳандаҳои шакли ҳисоботии №4

дар соли 2017 ҳамагӣ намунаи хуни 45 065 нафар, дар соли 2018 ҳамагӣ намунаи хуни 47 745 нафар ва дар соли ҷорӣ 51528 нафар доноронон барои таҳлили ВНМО санҷида шудааст. Аз ин шумора дар соли 2017 дар намунаи хуни 9 нафар, дар соли 2018 дар намунаи хуни 4 нафар ва дар соли ҷорӣ дар намунаи хуни 8 нафар хунсупорандагон сирояти ВНМО дарёфт гардид. Дар сурати дарёфт гардидани сироят дар донорон хуни донори бо ВНМО дарёфтшуда аз истеҳсолот ва истифодаи минбаъда бароварда шуда, сироятёфтаи ВНМО ба системаи пешниҳоди хизматрасонӣ оиди пешгирии ВНМО ворид карда мешавад.

Аз ҷониби Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии илмии хун" тамоми кормандони соҳаи трансфузиологияи ҷумҳурӣ нисбати пешгирии паҳншавии сирояти ВНМО ва дигар сироятҳои тавассути хун гузаранда ва бехатарии хуни донорӣ омӯзонида шуданд. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ, тесткунонӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва дастрас намудани хун дар доираи сиёсати миллӣ ва мувофиқ ба тавсияҳои Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ ба роҳ монда шудааст.

Тибқи талаботи барномаи мазкур бояд 100% намунаҳои хуни донории омодашуда ва ҷузъҳои он тибқи дастуру тавсияҳои Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ нисбати сирояти вируси норасоии масунияти одам санҷида шаванд, ки ин масъала пурра зери назорат буда, ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Бо мақсади пешгирии сироятҳои дохилибеморхонагӣ ба таври мунтазам санҷишҳои муштарак дар якҷоягӣ бо хадамотҳои назоратии сохтори тандурустӣ ташкил карда шуда, ҳолати муассисаҳои табобатию профилактикӣ дар самти пешгирии сироятҳои дохили беморхонагӣ санҷида мешаванд. Дар соли 2017 аз ҷониби мутахассисони марказ ду машғулияти омӯзишӣ дар мавзӯи "Пешгирии паҳншавии сироятҳои дохили беморхонагӣ" гузаронида шуд, ки дар онҳо 50 нафар мутахассисони соҳа иштирок намуданд.

Бо мақсади муаянсозии ҳолати омодабошии муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ва таҳлили мавҷудияти имкониятҳо оид ба пешгирии паҳншавии сироятҳои дохилибеморхонагӣ соли ҷорӣ дар 4 клиникаҳои асосии ҷумҳурӣ тадқиқот гузаронида шуд, ки тавсияҳо ҷиҳати беҳтар намудани фаъолиятҳо дар ин самт пешниҳод карда шуд.

Фаъолиятҳо нисбати идоракунии партовҳои тиббӣ низ сол аз сол беҳтар гардида, дар ин давра аз ҳисоби ташкилоти байналмилалӣ "Табибон бидуни марз" дар шаҳри Кулоби вилояти Хатлон 2 адад партовгоҳи ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ сохта ба истифода дода шудааст. Дар ҳамкорӣ бо Хазинаи глобалӣ сохтмони 5 адад партовгоҳҳо (дар шаҳрҳои Душанбе, Хоруғ, Бохтар, Кулоб, Хуҷанд) ба нақша гирифта шуда, дар ин замина аллакай қитъаҳои замин ҷудо гардида, дар мӯҳлатҳои наздик сохтмони онҳо оғоз мегардад.

Тибқи талаботҳои барномавӣ дар давраи иҷроиши барнома ба ҳодисаҳои сироятёбии дохили беморхонагии вируси норасоии масунияти одам набояд роҳ дод, ки масъалаи мазкур дар ҳамкории муассисаҳои табобатӣ ва назорати соҳаи тандурустӣ амалӣ шуда истодааст. Дар давраи иҷроиши барнома пайдошавии манбаҳои паҳнсозии сирояти ВНМО дар муассисаҳои тандурустӣ ба қайд гирифта нашудааст.

**Самти афзалиятноки 5:**
**Пурзӯр намудани системаи тандурустӣ**

*Вазифаи 5: Пурзӯр намудани системаи тандурустӣ бо мақсади пешгирӣ, табобат ва пешниҳоди хизматрасонӣ оид ба ВНМО*

Баҳри иҷрои вазифаи 5-и самти афзалиятноки 5-и барномаи қабулгардида дар ҷумҳурӣ корҳои зиёд ба анҷом расонида шуда, вобаста ба коҳиши сарбории ин сироят дар кишвар заминаи мусоид фароҳам оварда шудааст. Дар ин давра заминаи моддию техникии муассисаҳои соҳаи тандурустӣ беҳтар гардида, тамоми имкониятҳо баҳри дарёфту муайянсозӣ, пешниҳоди табобатҳои махсус ва назорату расонидани кӯмакҳои паллиативӣ ба беморону сироятёфтагони ВНМО фароҳам оварда шуд. Ҳамзамон ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, таҳия ва боздид гардида, заминаи ҳуқуқии соҳа пурзӯр карда шуд.

Айни замон дар ҷумҳурӣ МД “МҶ ВНМО”, 5 марказҳои минтақавӣ ва 58 марказҳои шаҳрию ноҳиявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО фаъолият бурда истодаанд, ки 19 адади он дар солҳои 2017-2018 таъсис дода шудаанд. Дар ин давра қариб ҳамаи марказҳои навтаъсис аз таъмири ҷорӣ бароварда шуда, бо дастгоҳу лавозимот ва таҷҳизоти корӣ таъмин карда шуданд.

Ҳамзамон бо мақсади расонидани кӯмак ба шахсони ниёзманду осебпазир ва дар минтақаҳои дурдаст зиндагикунанда 11 адад гурӯҳҳои мобилии сайёр ва 4 адад дармонгоҳҳои мобилии сайёр фаъолият намуда истодаанд, ки дар самти дарёфту муайянсозии сироятёфтагон дар ҷумҳурӣ саҳми назаррас доранд.

Дар баробари ин, барои саривақт муайян намудани сироятёфтагон бо ВНМО дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 114 ҳуҷраҳои хизматрасонӣ (64-марказҳои ВНМО дар ҷумҳурӣ, 24 нуктаҳои боварӣ барои нашъамандони тазриқӣ, 11 ҳуҷраҳои дӯстона барои шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ ва 15- ҳуҷраҳои дӯстона барои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо) дар назди муассисаҳои тандурустии давлатӣ ташкил карда шудаанд. Натиҷаи ин дастрасиҳо буд, ки дар соли 2017 дар ҷумҳурӣ 612 123 нафар ва дар соли 2018 ҳамагӣ 780 688 нафар аҳолӣ ба ташхиси ВНМО фаро гирифта шуданд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли

2010 2,8 маротиба зиёд мебошад. Дар соли 2019 ин нишондод зиёда аз 1 миллионро ташкил намудааст.

Дар баробари ин, бояд тазаккур дод, ки системаи пайравии махзани электронӣ оиди сироятёфтагони ВНМО беҳтар гардида, он дар ҳамаи марказҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО, инчунин дар Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноӣ фаъол мебошад. Ин система имконият медиҳад, ки оиди фарогирии шахсони алоқаманд, фарогирӣ ба табобат, бемориҳои ҳамрадиф, оризаҳо ва фавт дар замони воқеӣ маълумот ба даст орем. Системаи мазкур ба таври онлайн буда, иттилооти нав нисбати сироятёфтагон ҳаррӯза ворид карда мешаванд.

Омӯзиш ва бозомӯзии мутахассисон оид ба истифодаи системаи иттилоотии идоракунии тандурустӣ дар байни кормандони масъули муассисаҳои табобатию профилактикӣ, ки табобати табобати зиддиретровирусиро амалӣ менамоянд

Оғоз аз соли 2003 Барномаи рушди СММ ҳамчун гирандаи асосии маблағҳои Хазинаи глобалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Дар давраи иҷроиши барнома бо мақсади таҳкими иқтидори кадрии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятҳо ва омӯзишҳои зиёд гузаронида шуданд, ки барои идоракунӣ нақши гирандаи асосии сармояҳо дар оянда нигаронида шудаанд. Дар ин замина, мутахассисони миллӣ барои идоракунии маблағҳои беруна вобаста ба харидорӣ ва амалисозии барномаҳо омода мебошанд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки МД МҶ ВНМО аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар соли 2017 ҳамагӣ 94530 адад ва соли 2018 ҳамагӣ 146190 адад ва дар соли 2019 ҳамагӣ 175655 адад тестҳои фаврӣ харидорӣ намуда, ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои фарогирии занони ҳомиладор ва шахсони никоҳшаванда тақсим гардид.

Бо мақсади тарғиби тарзи ҳаёти солим миёни ҷавонон, занон, муҳоҷирони меҳнатӣ ва дигар табақаҳои аҳолӣ аз ҷониби Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО», “Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим” ва Муассисаи давлатии “Маркази миллии солимии репродуктивӣ” нақшаҳои муштарак тасдиқ гардидаанд. Дар доираи иҷрои нақшаҳои муштарак чорабиниву иқдомҳо оиди пешгирии сирояти ВНМО ва дигар бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда мунтазам гузаронида шуда истоданд. Дар давраи ҳисоботӣ дар умум дар ҷумҳурӣ зиёда аз 130 ҳазор нафар аҳолӣ, аз ҷумла донишҷӯёну кормандони соҳаи тандурустӣ, муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаи онҳо, нашъамандони тазриқию шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ, занони ҳомиладору шахсони никоҳшаванда нисбати сирояти ВНМО, роҳҳои паҳншавӣ ва пешгирии он

иттилоъ пайдо намуданд. Дар доираи чорабиниву икдомҳо дар ин давра зиёда аз 50 000 адад маводҳои таълимию иттилоотӣ ва маводҳои пешгирикунанда тақсим карда шуданд. Ҳамзамон дар ҷараёни баргузории чунин чорабиниҳо хоҳишмандон бо усули тести оҷилӣ ба таври ройгон аз ташхиси ВНМО зиёда аз 12 000 гузаронида шуда, ба онҳо машварати пеш ва баъдитестӣ пешниҳод карда шуд.

Дар ин давра 5 ролики иттилоотӣ оид ба таблиғи аҳолӣ ҷиҳати мубориза алайҳи сирояти ВНМО таҳия гардида, ба таври мунтазам дар шабакаҳои телевизионӣ пахш гардида истодаанд. Бо мақсади таъҷилан расонидани маълумот ба аҳолӣ бо истифода аз алоқаи мобилӣ тариқи паёмакҳо якчанд иттилооти хусусияти тарғиботидошта ва барои аҳолӣ зарур паҳн карда шуданд. Дар баробари ин, танҳо дар соли ҷорӣ зиёда аз 76 барномаи телевизионӣ, 23 барномаи радиоӣ, 6 сабти видеоӣ ва 54 маводи чопӣ пешниҳоди ҳамагон гардиданд. Инчунин, дар фурудгоҳҳои шаҳри Душанбе ва Хуҷанд 6 адад, ва дар назди марказҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО 13 адад мониторҳои калонҳаҷм барои мунтазам паҳш намудани видеотасвирҳо оид ба роҳҳои сироят ва пешгирии ВНМО васл карда шудаанд, ки аз онҳо муҳоҷирони меҳнатӣ ҳангоми сафари хориҷа ва инчунин муроҷиаткунандагони марказҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО маълумотҳои дақиқу дуруст дастрас намоянд.

Бо мақсади таъҷилан расонидани маълумот ба аҳолӣ бо истифода аз алоқаи мобилӣ ба Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуб ирсол гардид, ки дар асоси он тариқи паёмакҳо якчанд иттилооти хусусияти тарғиботидошта ва барои аҳолӣ зарур, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаи онҳо, паҳн карда шуданд.

**Самти афзалиятноки 6: шароити мусоид**

*Вазифаи 6: Мустаҳкам намудани муҳити созгор бо мақсади дастрасии гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ ба хизматрасониҳо дар самти пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам*

***Дар самти иҷрои вазифаи 6-и самти афзалиятноки нақша*** бояд қайд намуд, ки ҷиҳати фарогирии гурӯҳҳои махсусан осебпазири аҳолӣ ба ташхис, корҳои профилактикӣ, табобат, азнавбарқарорсозӣ ба табобат ва нигоҳубин ҳамкориҳо бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ зарур мебошад. Фаъолиятҳои муштарак дар байни гурӯҳҳои номбурда таи солҳои охир боиси он гардид, ки сатҳи паҳншавии ВНМО дар байни нашъамандони тазриқӣ ва занони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ беҳтар гардад.

Қобили зикр мебошад, ки яке аз омилҳо ба пешгирии сирояти ВНМО монеа эҷод месозад, ин мавҷуд будани табъиз ва тамғагузорӣ ва худтамғагузорӣ низ дар байни ин гурӯҳ вуҷуд дорад. Айни замон дар назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон гурӯҳи корӣ ҷиҳати таҳияи ҳуҷҷатҳои

меъёрӣ оиди пешгирии табъиз ва тамғагузорӣ ва баргузории чорабиниҳои иттилоотию омӯзишӣ дар байни кормандони ҳифзи ҳуқуқ, кормандони соҳаи тандурустӣ ва расонандагони хизматҳо ташкил гардидааст, ки дар он намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ва иттиҳодиҳаҳои ҷамъиятӣ шомил гардидаанд.

Маблағгузории чорабиниҳо дар самти пешгирии сирояти ВНМО асосан аз буҷети давлатӣ ва аз сарчашмаҳои байналмилалӣ таъмин карда мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сол аз сол маблағгузориҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ зиёдтар гардида, аз 7 996 756 сомонӣ дар соли 2014 то 21 604 554 сомонӣ дар соли 2019 баробар гардидааст.

Бояд қайд кард, ки соли равон иҷроиши барномаи номбурда дар Шурои ҳамоҳангсозии мубориза бар зидди бемориҳои ВНМО, сил ва вараҷа дар вилояти Суғд ва Хатлон бо иштироки муовинони раисони ҳукуматҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят ва масъулони соҳаи тандурустии вилоят баррасӣ гардида, масъалаҳои мубрами соҳа дар он мавриди омӯзиш қарор дода шуданд. Дар рафти ҷаласаи баргузоргардида ҳолати эпидемикии ВНМО дар ҳудуди вилоятҳо баррасӣ гардида, дастуру супоришҳои оиди бартараф намудани камбудиҳо пешниҳод карда шуд. Инчунин ба ҳама шаҳру ноҳияҳои вилоят супориш дода шуд, ки дар ҷойҳо баҳри ба пуррагӣ таъмин намудани тестҳои фаврӣ барои фарогирии занони ҳомиладор чораандешӣ намоянд.

Гарчанде дар давраи амалисозии барнома корҳои назаррас ба анҷом расонида шуда бошанд ҳам, мутаасифона новобаста аз он омилҳои умумие мавҷуданд, ки ба беҳтар шудани ҳолати эпидемикии ВНМО дар ҷумҳурӣ монеа шуда метавонанд:

- Норасоии маблағгузории соҳаи ВНМО/БПНМ аз буҷаи давлат дар сатҳи мақомотҳои маҳаллӣ;
- Диққати хос надодани рохбарони муассисаҳои тандурустӣ баҳри иҷроиши қарору фармоишҳои ва санаду санҷишҳои дар самти ВНМО/БПНМ қабулгардида;
- Норасоии воҳидҳои корӣ дар марказҳои ВНМО, аз ҷумла духтурони эпидемиолог, сироятшиносон, момодояҳо, духтурони кӯдакона, равоншиносон, силшиносон ва кормандони хурди тиб;
- Ба таври кофӣ набудани нуктаҳои махсус дар баъзе шаҳру ноҳияҳо барои несту нобуд сохтани маводҳои тиббии истифодашуда, аз ҷумла сӯзандоруҳои яккарата;
- Вуҷуд доштани омилҳои хатар барои сирояти ВНМО дар шароити хона (хусусан дар байни кӯдакон), аз ҷумла зоишҳои хонагӣ, хатна ва сурохкунии гӯш, татуировка ва ороишҳои косметикӣ, инчунин дигар амалиётхои тиббӣ дар шароити хона (колак, ҳиҷома, хунгирӣ ва ғайра) ва муассисаҳои тиббӣ;

- Вуҷуд доштани омилҳои хатари сирояти ВНМО дар муассисаҳои тиббӣ, хусусан дар байни кӯдакон;
- Дар сатҳи нокифоя қарор доштани маълумотнокии аҳолӣ оиди масъалаҳои пешгирии сирояти ВМНО/БПНМ, аз ҷумла ҷавонону наврасон;
- Баланд будани сатҳи табъиз ва тамғагузорӣ дар байни ҷомеа, кормандони соҳаи тиб, мақомотҳои қудратӣ нисбати шахсони бо ВНМО зиндагикунанда;
- Бо мақсади тақвият бахшидан ва ба расмият даровардани оморҳои расмӣ дар самти ВНМО, ташкилотҳои ҷамъиятие, ки дар ҷумҳурӣ оиди мубориза ва пешгирии сирояти ВНМО фаъолият мебаранд ба МД "МҶ ВНМО" ҳисоботи муфассал оиди фаъолияти худ ҳар семоҳа ва ҳангоми зарурат тибқи дархост, ба таврӣ расмӣ пешниҳод намоянд.

Бо эҳтиром,

Директор Р. Нуров